**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 - назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир рушди соҳаҳои иҷтимоии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке шартҳои асосии таъмини адолати иҷтимоӣ ва воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи интихобкардаи рисолаи илмии Саидова Ҳ.М. дорои муҳимияти хос ва саривақтӣ мебошад, ки муаллиф ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳқиқ намудааст.

Дар автореферати тақризшавандаи рисолаи диссертатсионӣ Саидова Ҳ.М. мубрамияти мавзӯъ, сатҳи таҳқиқ, навгонии илмии он асоснок карда шуда, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, таҳаввулоти назарияи хизматрасонӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир ва вазъи хизматрасонии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти ҷой доштаи соҳаҳои иҷтимоӣ, роҳҳои мукаммалгардонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир, маълумоти муфассал ва пурмазмун дода шудааст.

Аз маълумотҳои овардаи муаллиф дар автореферат бармеояд, ки дар заминаи мӯътадил гардидани вазъи иқтисодӣ фаъолияти муассисаҳое, ки хизматҳои иҷтимоӣ мерасонанд, низ устувор гардида истодааст ва дар ҳаҷми умумии истеҳсоли хизматрасониҳои иҷтимоӣ (тиббӣ, маориф, фарҳанг) ҳиссаи зиёдро моликияти давлатӣ ишғол менамояд.

Пешниҳоди муаллиф оид ба зиёд намудани номгуии доруворие ройгон ё имтиёзнок хело бомаврид мебошад. Ба фикри мо ба назар гирифтани чунин пешниҳод метавонад аз як тараф, хароҷоти аҳолиро

барои харидории доруворӣ камтар намояд ва аз тарафи дигар, тақозоро ба хизматрасонии тиббии аввалдараҷа зиёд намуда, ба кам шудани эҳиёҷот ба хизматрасонии статсионарӣ мусоидат намояд.

Ба фикри мо, новобаста аз дастовардҳои дар боло қайд гардида, рисолаи илмии Саидова Ҳ.М. дорои камбудиҳои муайян мебошад.

1. Дар автореферат хатогиҳои зиёди мантиқӣ ва граматикӣ вомехӯранд, ки фаҳмидани фикр ва мавқеи муаллифро душвор гардонидаант. Масалан, дар банди сеюми баъд аз ҷадвали 6 оварда шуда (саҳ. 22) хулосаи муаллифро фаҳмидан ғайри имкон мебошад.
2. Дар автореферат муаллиф ҳарчанд қайд намудааст, ки яке аз мушкилоти асосии низоми маориф дар таҳсилоти олӣ ин сифати пасти хизматрасониҳо мебошад, аммо роҳҳои ҳалли ин мушкилот нишон дода нашудаанд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Саидова Ҳ.М., ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01- назарияи иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Муқарриз
профессори кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон
д.и.и., дотсент Амонова Д.С.

Суроға:
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Телефон: 918-74-94-94
E-mail: dilbar_amonova@mail.ru

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
ОТДЕЛ КАДРОВ

Подпись Амоновой Д.С.
заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.
09.04.2021г.